**№100/13.2 «т» аз 08.01.2013**

**Мақомоти ҳудудии андоз**

*«Доир ба андоз аз арзиши иловашуда тибқи муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав»*

Мактуби дастурии мазкур мутобиқ ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва самтҳои алоҳидаи ин намуди андоз таҳия шудааст.

Дар мактуб тибқи муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав, то қабули Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда» ҳолатҳои алоҳидаи андозбандии андоз аз арзиши иловашуда (минбаъд ААИ) бо назардошти хусусиятҳои асосии фарққунанда нисбат ба Кодекси андози то санаи 01.01.2013 амалкунанда, дарҷ гардидааст.

1. Бо мақсади ба танзим даровардани тартиби бақайдгирӣ барои мақсадҳои ААИ, дар Кодекси андоз дар таҳрири нав истилоҳоти ***«12 моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимӣ»*** бо калимаҳои ***«соли тақвимӣ»,*** калимаҳои ***«амалиёти андозбандишаванда»*** ба калимаи ***«даромади умумӣ»*** *иваз шуда,* ҳадди ниҳоии бақайдгирӣ ба ҷои ***«200 ҳазор сомонӣ» «500 ҳазор сомонӣ»*** муқаррар шудааст.

Аз 1 январи соли 2013 шахси машғули фаъолияти соҳибкорӣ, ки даромади умумиаш дар соли сипаригашта аз ҳадди даромади 500 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст, ӯҳдадор аст ба андозбандӣ тибқи низоми умумӣ гузарад ва ба мақоми андози маҳалли баҳисобгирии худ ҷиҳати бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда якҷоя бо ариза барои гузаштан ба андозбандӣ тибқи низоми умумӣ на дертар аз 10-уми январи соли ҷорӣ ариза диҳад (М.161 қ.1).

*Мисоли 1: ҶДММ “Рустам” фаъолияти соҳибкориро аз 15.03.2012 оғоз намуда, дар давраи аз 15.03.2012 то 30.11.2012 ҳаҷми даромади умумиаш 190 ҳазор сомониро ташкил додааст. Дар моҳи декабри соли 2012 андозсупоранда 360 ҳазор сомонӣ даромад гирифта, ҳамагӣ дар соли 2012 даромади андозсупоранда ба 550 ҳазор сомонӣ баробар шудааст.*

*Дар ин маврид, яъне ҶДММ “Рустам” уҳдадор аст ба мақоми андоз барои бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ва гузаштан ба низоми умумии андозбандӣ то санаи 10.01.2013 ариза пешниҳод намояд.*

2. Барои мақсадҳои бекоркунии қайди супорандаи ААИ ба ҷои истилоҳоти ***«баъди гузаштани 24 моҳи эътибор пайдо кардани бақайдгирии охирин барои мақсадҳои ААИ»*** истилоҳи ***«пас аз гузариши охирин ба низоми умумии андозбандӣ 3 соли тақвимӣ гузашта бошад»*** иваз карда шуд.

Супорандагони андоз аз арзиши иловашудае, ки дар **низоми соддакардашудаи андозбандӣ** фаъолият намуда, даромади умумиашон дар соли 2012 (бо назардошти моҳи декабр) то 500 ҳазор сомониро ташкил менамоянд, бақайдгириашон ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда аз 1-уми январи соли 2013 бекор карда мешавад. Молҳои дар лаҳзаи

бекоркунӣ дар ихтиёри чунин андозсупоранда қарордошта бо мақсади андоз аз арзиши иловашуда амалиёти андозбандишаванда ҳисобида мешавад (қисми 7 моддаи 164 Кодекси андоз). Дар чунин ҳолат андозсупоранда уҳдадор аст эъломияи ҷамъбастии андоз аз арзиши иловашударо пешниҳод намояд.

Агар даромади умумии андозсупорандагони **тибқи низоми умумии андозбандӣ** фаъолияткунанда дар соли 2012 аз 500 ҳазор сомонӣ кам буда, онҳо на кам аз 3 соли тақвимии пай дар пайи қаблӣ тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият дошта бошанд, бояд аз 1-уми январи соли 2013 ба яке аз низомҳои махсуси андозбандӣ гузаранд ва бақайдгирии худро барои мақсадҳои ААИ бекор намоянд.

*Мисоли 2: ҶДММ “Бахтиёр” ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар қайд буда, дар санаи 01.01.2010 ба низоми умумии андозбандӣ гузаштааст. Даромади умумии ҷамъият дар соли 2012 аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд нашуд, андазсупоранда уҳдадор аст аз 1 январи соли 2013 ба низоми соддакардашудаи андозбандӣ гузашта, ҳамзамон ҷиҳати бекор кардани бақайдгирӣ ба мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда бо ариза мурочиат намояд.*

Дар ҳолати андозсупоранда аз 3 сол кам дар низоми умумии андозбандӣ қарор дошта, даромади умумиаш дар соли 2012 аз 500 ҳазор сомонӣ кам бошад, ин андозсупоранда дар низоми умумӣ ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда буданро идома медиҳад.

*Мисоли 3 : Агар ҶДММ “Бахтиёр” дар санаи 01.01.2011 ба андозбандии низоми умумӣ гузашта даромади умумии ҷамъият дар соли 2012 аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд нашуда бошад, бо назардошти он, ки пас аз гузариши охирин ба низоми умумии андозбандӣ 3 соли тақвимӣ нагузаштааст, он ҳуқуқи аз қайди ААИ бекор шуданро надорад ва андозсупоранда дар низоми умумӣ фаъолият карданро идома медиҳад.*

Дар натиҷаи бекор кардани бақайдгирии ААИ-и ин гуна андозсупорандагон, молҳои дар лаҳзаи бекоркунӣ дар ихтиёрашон қарордошта ҳамчун молҳои дар доираи амалиёти андозбандишаванда таҳвилшуда ҳисоб мегарданд.

Дар мавриди бекоркунии супорандаи ААИ, нозиротҳои андоз ӯҳдадоранд, ки баъди пешниҳоди эъломияи ҷамбастӣ оиди молҳои дар лаҳзаи бекоркунӣ дар ихтиёри андозсупоранда қарор дошта бақияи ҳисобнома-фактураҳои ААИ-и истифоданашуда ва Шаҳодатномаи супорандаи ААИ-и онҳоро тибқи тартиби муайянгардида бозгардонида гиранд (М.164, қ.7).

*Мисоли 4 : ҶДММ «Файзулло» аз 1 январи соли 2013 бақайдгирии худро барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда бекор намуд ва дар ин сана дар анбор чунин молҳо ба маблағи умумии 90 ҳазор сомонӣ боқӣ монда буд (агар чунин молҳо бо ААИ харида шуда бошанд), аз ҷумла:*

*маҳсулоти тайёр – 50 ҳазор сомонӣ ва ААИ он 9 ҳазор сомонӣ;*

*ашёи хом – 40 ҳазор сомонӣ ва ААИ он 7,2 ҳазор сомонӣ;*

*Ба ҳолати гузариш ба низоми соддакардашуда ва дар вақти бекоркунии қайд ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ҶДММ «Файзулло» вазифадор аст, ки ҳангоми пешниҳоди эъломияи ҷамъбастӣ аз ҳисоби молҳои дар лаҳзаи бекоркунӣ дар ихтиёри ҷамъият қарордошта 90 ҳазор сомонӣ ҳамчун амалиёти андозбандишаванда дар ин лаҳза таҳвилшуда, ҳисобида шуда, андоз аз арзиши иловашудаи он ба маблағи 16,2 ҳазор сомонӣ ҳисоб карда мешавад.*

Андозсупорандагони **низоми умумӣ**, ки то 1 январи соли 2013 супорандаи ААИ набуданд ё ин, ки амалиётҳои аз андозбандӣ озод доштанд, вале даромади умумиашон дар соли 2012 аз 500,0 ҳазор сомонӣ бештар мебошад, уҳдадоранд ба сифати супорандаи ААИ ба қайд гирифта шаванд.

Инчунин, бо назардошти он, ки дар Кодекси андоз дар таҳрири нав муқаррароти қисми 7 моддаи 204 Кодекси андози қаблӣ хориҷ карда шудааст, аз 1 январи соли 2013 **воҳидҳои махсуси шахсони ҳуқуқӣ** ҳамчун супорандаи ААИ ба қайд гирифта шуда наметавонанд. Бинобар ин аз 01.01.2013 чунин воҳидҳои махсуси ҳамчун супорандаи мустақили ААИ бақайдгирифташуда, аз қайди супорандаи ААИ бароварда мешаванд.

3. Ба гурухи андозсупорандагон, ки ба фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул буда, ба шартҳои низоми умумии андозбандӣ ҷавобгӯ мебошанд, яъне даромади умумии соли тақвимии гузаштаи онҳо аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд мебошанд (аз ҳамаи намуди фаъолият), гузариши ихтиёрӣ ба низоми умумии андозбандӣ ва дар ин радиф бақайдгирӣ ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда пешбинӣ карда шудааст.

*Мисоли 5: Даромади умумии бо усули кассавӣ ҳисобшудаи хоҷагии деҳқонии (фермерии) «Баракат» дар соли 2012 аз 500 000 сомонӣ зиёд шуд. Бинобар ин, Хоҷагӣ уҳдадор нест ҳамчун супорандаи ААИ ба қайд гирифта шавад. Аммо хоҷагӣ ҳуқуқ дорад тибқи қисми 7 моддаи 298 Кодекси андоз аз 1 январи соли 2013 ба низоми умумии андозбандӣ гузарад ва супорандаи ААИ шавад. Дар сурати гузариш ба низоми умумии андозбандӣ хоҷагӣ ҳуқуқи супорандаи андози ягона буданро гум мекунад ва имконияти истифода намудани имтиёзҳои андозро аз даст медиҳад.*

*Барои гузариш ба низоми умумии андозбандӣ хоҷагӣ метавонад на дертар аз 10 январи соли 2013 ба таври хаттӣ мақомоти андози маҳалли бақайдгирии худро доир ба андозаи даромади умумии худ хабардор созад ва оид ба гузариш ба низоми умумии андозбандӣ барои қайди мақсадҳои ААИ аз 1 январи соли 2013 аризаҳо диҳад.*

4. Дар моддаи 164 Кодекси андоз бо мақсади аз байн бурдани нофаҳмоиҳо миёни андозсупорандагони зимни бақайдгирӣ бақияи молу маҳсулоте, ки то давраи бақайдгирӣ бо ААИ ба даст овардаанд, сархати нав ворид карда шуд, ки мутобиқи он ба андозсупорандагон дар чунин ҳолатҳо ҳуқуқи баҳисобгирии ААИ бақияи молҳои то бақайдгирӣ харидоришуда иҷозат дода шудааст (агар чунин молҳо бо ААИ харида шуда бошанд).

*Мисоли 6: Даромади умумии ҶДММ «Файзулло», ки бо истеҳсоли равған машғул аст ба санаи 1 январи соли 2013 зиёда аз 500 ҳазор сомониро ташкил додааст. Ҳангоми гузариш ба низоми умумии андозбандӣ бақияи чигити бо ААИ харидашудааш 15 000 сомонӣ ва ААИ-и он 2700 сомониро ташкил додааст. Пас аз бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ҶДММ «Файзулло» ҳуқуқ дорад дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда(ҳисобнома-фактураи ААИ оиди хариди чигит, ҳуҷҷатҳои хароҷоти чигит, санади бақияи мол ба санаи 01.01.2013 ва г.) дар моҳи ҳисоботии якум 2700 сомонӣ андоз аз арзиши иловашударо (аз ҳисоби чигити харидашуда) ба ҳисоб гирад.*

*Мисоли 7: Даромади умумии ҶДММ «Роҳат», ки бо истеҳсоли хӯроки умумӣ машғул аст ба санаи 1 январи соли 2013 зиёда аз 500 ҳазор сомониро ташкил додааст. Бақияи молҳои ӯ ба лаҳзаи гузариш 20 000 сомонӣ аз ҷумла 10 000 сомонии он орд, ки аз беруни кишвар ворид намуда, ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ба маблағи 1800*

*сомонӣ ААИ пардохт намудааст ва 10 000 сомонии боқимондаи он дигар маҳсулотҳоро ташкил дода, ААИ-и он 1800 сомониро ташкил додааст.*

*Пас аз бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ҶДММ «Роҳат» ҳуқуқ дорад (бо пешниҳоди эъломияи гумрукӣ) дар моҳи ҳисоботии якум танҳо 1800 сомонӣ ААИ-и аз ҳисоби орди ворикардашударо ба ҳисоб гирад.*

6. Барои мушаххас намудани вақти анҷом додани амалиёти андозбандишаванда ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ, ба моддаи 174 Кодекси андоз сархати нав дохил карда шуд, ки мутобиқи он лаҳзаи муайян намудани манбаи андоз ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонию васлкунӣ яке аз санаҳои пештарини зерин ба ҳисоб меравад:

- санаи гирифтани (ба даст овардани ҳуқуқ барои гирифтани) пардохти ҷорӣ аз фармоишгар (аз ҷумла пешпардохт);
- санаи қисман (пурра) иҷро намудани корҳои сохтмонии дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои андозсупоранда қайдгардида.

*Мисоли 8. ҶДММ "Саид" бо фаъолияти сохтмонӣ машғул буда, барои сохтмон манбаҳои зерини маблағгузориро(дар шакли пулӣ ва молӣ) истифода бурдааст:*

- *захираҳои молиявии худӣ – 100 ҳазор сомонӣ;*
- *қарзи бонкӣ – 400 ҳазор сомонӣ;*
- *пешпардохт аз ҳисоби фармоишгар – 600 ҳазор сомонӣ;*
- *пешпардохт аз мизоҷон (харидорон, ҳиссагузорон) – 900 ҳазор сомонӣ.*

*Барои мақсадҳои андозбандӣ, то анҷом додани сохтмони мазкур, новобаста аз иҷрои кор амалиёти андозбандишаванда лаҳзаи (санаи) гирифтани маблағгузориҳо аз* ***фармоишгарҳо ва мизоҷон*** *ба ҳисоб меравад, яъне ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда 1,5 млн.сомониро ташкил медиҳад.*

*Мисоли 9. ҶДММ "Саттор" бо фаъолияти сохтмонӣ машғул буда, маблағи корҳои дар моҳҳои январ-сентябри соли 2013 иҷрошуда (сохтмон нотамом аст)5 млн.сомониро ташкил додааст, аз ҷумла:*

- *маҳсулоти сохтмонӣ – 3 млн.сомонӣ,*
- *музди меҳнат 500 ҳазор сомонӣ,*
- *ва хароҷоти дигар вобаста ба сохтмон (бо назардошти даромаднокии пешбинишуда, даромади пудратчӣ) – 1,5 млн.сомонӣ.*

*Маблағгузорӣ (дар шакли пулӣ ва молӣ) барои иҷрои ин корҳо тибқи ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ 3 млн.сомонӣ нишон дода шудааст, аз ҷумла аз ҳисоби қарзи бонкӣ – 500 ҳазор сомонӣ, пешпардохт аз мизоҷон (харидорон, ҳиссагузорон)- 1,0 млн.сомонӣ, қарз дар шакли маводи сохтмонӣ (аз ҳисоби таҳвилгарони маводи сохтмон) – 1,5 млн.сомонӣ.*

*Барои мақсадҳои андозбандӣ, то анҷом додани сохтмони мазкур, новобаста аз маблағҳои тибқи муҳосибот нишондодашуда амалиёти андозбандишаванда арзиши аслии хароҷотҳои дар сохтмон анҷомдодашуда (5 млн.сомонӣ) ба ҳисоб меравад.*

7. Имтиёзҳои ААИ барои таҳвили **рӯзномаҳо, истеҳсоли молҳои кӯдакона** ва **барои хизматрасониҳои таълимии ташкилотҳои таълимии худмаблағгузор** бекор карда шудааст.

Аз санаи 01.01.2013 хизматрасониҳои таълимии муассисаҳои давлатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда дар соҳаи маориф (дар ҳолати мавҷуд будани иҷозатнома, агар он зарур бошад) аз ААИ озод мебошад. Дар қисмати маблағҳои махсуси муассисаҳои давлатӣ, ки дар

даромаду хароҷоти ташкилотҳои дахлдори буҷетӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд бо тартиби муайяннамудаи Қонуни Буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 андозбандӣ мегарданд.

*Мисоли 10: Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон дар соли ҳисоботи 10% аз буҷет ва 90% аз ҳисоби маблағҳои худӣ маблағгузорӣ мешавад. Бо назардошти он, ки муассисаи мазкур ҳамчун муассисаи давлатӣ ба қайд гирифта шудааст ва аз буҷет маблағгузорӣ мегардад аз супоридани ААИ озод мебошад (М.169 қ.2 б.6).*

*Дар сурати дар қисмати даромаду хароҷоти сметаи даромад ва хароҷотҳои муассисаи мазкур, ки аз ҷониби ташкилоти буҷетӣ тасдиқ гардидааст ба инобат гирифта шудани маблағҳои махсус, бар ивази андозҳои алоҳида (ААИ, АФ, АИРА) аз муассиса маблағи дар ин қисмат бо тартиби дар Қонуни буҷет пешбинигардида ситонида мешавад. Дар ҳолати риоя нагардидани ин тартиб маблағҳои иловагии махсуси муассисаҳои давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз пурра андозбандӣ мегарданд.*

*Мисоли 11: Литсейи ба номи "Ниёзӣ" пурра аз ҳисоби маблағҳои худӣ маблағгузорӣ гардида, амволи муассиса моликияти давлатӣ мебошад ва ба идоракунии оперативӣ дода шудааст.*

*Дар ин маврид бо назардошти он, ки литсей умуман аз буҷет маблағгузорӣ намегардад, аз пардохти ААИ озод намешавад ва уҳдадор аст андозҳои пешбининамудаи Кодекси андозро пурра пардохт намояд.*

Тибқи Кодекси андоз дар таҳрири нав номгӯи тасдиқшудаи **хизматрасониҳои молиявии** алоҳида аз ААИ озод карда мешаванд (М.169 қ.2 б.2). Яъне, номгӯи амалкунандаи амалиётҳое, ки ба истилоҳоти «хизматрасонии молиявӣ» дохил мешаванд бояд аз нав муайян карда шуда, тибқи он имтиёзи ААИ татбиқ карда шавад.

Дигар тағйироти муҳиме, ки дар Кодекси нав нисбати имтиёзҳои ААИ пешбинӣ шудааст ин озод намудани **воридоти** ҳамагуна таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил медиҳанд ва Номгӯи онҳо мутобиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, мебошад.

Агар пештар дар Кодекси андоз ҳангоми татбиқи ин имтиёзи андоз маҳдудиятҳо ба монанди пурра кардани фонди оинномавии корхонаҳо ва дар мӯҳлати на зиёда аз 4 сол амалӣ шудани ин имтиёз амалӣ мегашт, дар таҳрири нав нисбати имтиёзи мазкур муҳлат пешбинӣ нагардидааст ва он ба ҳамаи шахсон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ низ татбиқ мегардад.

8. Аз 1 январи соли 2013 то 1 январи соли 2016 нисбати муомилоти андозбандишавандаи **корхонаҳои истеҳсол ва (ё) фурӯши маҳсулоти соҳаи хӯроки умумӣ, корхонаҳои савдои яклухт ва чакана, маҳсулоттайёркунӣ, таъминотию фурӯш, корхонаҳои сохтмонӣ** бар ивази меъёри 18% ААИ, меъёри пасткардашуда 5% бе ҳуқуқи баҳисобгирии ААИ пешбинӣ шудааст (М.181 қ.2). Яъне, бар ивази муқаррароти қисми 8 моддаи 207 Кодекси қаблӣ, ки дар ҳолатҳои алоҳида аз болонархӣ ҳисоб намудани ААИ-ро пешбинӣ мекард, минбаъд аз гардиши умумӣ бо меъёри 5 фоиз ҳисоб намудани ААИ муқаррар шудааст.

Андозсупорандагони мазкур, ки меъёри пасткардашударо истифода мебаранд дар ҳолати анҷом додани **воридоти андозбандишаванда** таҳвили минбаъдаи молҳои воридшударо бо меъёри 18 фоиз андозбандӣ карда, ҳуқуқ доранд тибқи моддаи 183 Кодекси андоз дар таҳрири нав ААИ-и ҳангоми воридот пардохт намудаашонро ба ҳисоб гиранд.

Ҳангоми ба дигар мол табдил додани молҳои дар натиҷаи воридоти андозбандишаванда ва амалиёти андозбандишаванда харидоришуда, ҳиссаи таҳвили минбаъдаи чунин моли дигар мутаносибан ба **вазни қиёсии молҳои воридшуда** дар ҳаҷми умумии харид бо меъёри стандартӣ андозбандӣ гардида, ҳиссаи боқимондаи таҳвили чунин моли дигар бо меъёри пасткардашуда андозбандӣ карда мешавад.

*Мисоли 12: ҶДММ "Тарабхонаи Фарахноз", ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти хӯроки умумӣ машғул аст, барои истеҳсоли хӯрок дар моҳи ҳисоботӣ ба маблағи 20000 сомонӣ молҳои гуногун, аз ҷумла:*

- *гӯшт 10000 сомонӣ (бе ААИ),*
- *равған 5000 сомонӣ (ААИ 18% – 900 сомонӣ),*
- *мева 1000 сомонӣ (бе ААИ),*
- *биринҷ 2000 сомонӣ (ААИ 18% - 360 сомонӣ),*
- *дигар маҳсулотҳо 2000 сомонӣ (аз бозор, бе ААИ)*

*харидорӣ намудааст, ки биринҷро бевосита худаш аз хориҷ ворид намуда, равған аз ҶСК "Равғани тоҷик" харидорӣ карда шудааст. Дар ин маврид ҳангоми таҳвили хуроки истеҳсолшуда, ҳиссаи воридоти бо меъёри 18% анҷомдодашуда, ки 10 фоизро ташкил додааст ((2000:20000)*100), мутаносибан ба ҳаҷми умумии харид андозбандӣ гардида, боқимонда ҳиссаи таҳвил бо меъёри 5% андоз аз арзиши иловашуда ҳисоб карда мешавад. Яъне, муомилоти корхонаҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти соҳаи хӯроки умумӣ ва дигар корхонаҳои дар қисми 2 моддаи 181 Кодекси андоз қайдгардида, танҳо дар ҳолати воридоти молҳо ба қаламрави Ҷумҳури маблағи ААИ-ро пурра ба ҳисоб гирифта, ААИ-и ҳисобшавандаро бо ду меъёр, мутобиқ ба ҳиссаи молҳои воридотии дар моҳи ҳисоботӣ хароҷотшуда ба ҳариди умумӣ бо меъёри 18% ва ҳиссаи боқимонда бо меъёри 5% ҳисоб карда мешавад. ААИ-и хариди молу маҳсулоти дар дохили Ҷумҳурӣ пардохташуда ба инобат гирифта намешавад.*

*Ҳангоми таҳияи эъломияи ААИ, ҷамъият вазифадор аст, ҳиссаи ААИ-и бо меъёри 18% ҳисобнамудаашро тибқи Шакли №03.01 ва боқимонда ҳиссаи бо меъёри 5% андозбандишавандаро дар Шакли №03.02 инъикос намояд.*

*а)**<u>Ҳолати дигар</u>**. Агар ҷамъияти мазкур хизматрасонӣ намуда дар моҳи ҳисоботӣ ба маблағи 30000 сомонӣ хӯрок таҳвил намояд ва аз он ҷумла биринҷи воридкардаро пурра хароҷот карда бошад, пас дар ин маврид ҷамъиятро зарур аст, ки*

- *10 фоизи таҳвилро бо меъёри 18% андозбандӣ намуда*
- *боқимондаашро бо меъёри 5% андозбандӣ намояд.*

*Яъне, ААИ-и бо меъёри 18% ҳисобшаванда 540 сомонӣ (30000*10%= 3000*18%) ва бо меъёри 5% ҳисобшаванда 1350 (боқимонда 27000*5%) сомонӣ, ҷамъ 1890 сомониро ташкил мекунад.*

*Бо назардошти 360 сомонӣ ААИ-и баҳисобгирифташаванда, натиҷаи фаъолияти моҳи ҳисоботӣ барои ба буҷет пардохт намудани ААИ ба маблағи **1530** (1890-360) сомониро ташкил мекунад.*

*б) **<u>Ҳолати дигар.</u>** Агар тарабхонаи мазкур дар моҳи ҳисоботӣ пурра фаъолият накарда бошад, биринҷи вориднамударо пурра хароҷот карда бошаду, ҳамагӣ ба маблағи 4000 сомонӣ даромад ба даст оварда бошад.*

*Дар ин маврид ААИ-и ҳисобшаванда (ҳиссаи биринҷи воридшуда дар хариди умумӣ 2.000 :20.000 = 10%) 72,0 сомонӣ (4000*10%=400*18%) ва 180,0 сомонӣ (боқимонда 4000-400=3600*5%), ҷамъ 252,0 сомониро ташкил намуда, бо назардошти 360 сомонии ААИ-и баҳисобгирифташаванда, натиҷаи фаъолияти моҳи ҳисоботӣ барои аз буҷет кам намудани **108,0** сомонӣ (360-252,0) ҳисоб карда мешавад.*

*в) **<u>Ҳолати дигар.</u>** Агар ҷамъият дар моҳи ҳисоботӣ як қисми биринҷи вориднамударо ба маблағи 1100 сомонӣ хароҷот намуда, боқимондаи маҳсулоти хароҷотшуда 18900 сомонӣ ва ҷамъи хароҷотҳо 20000 сомониро ташкил дода бошаду маҳсулоти тайёрро (хӯрокро) ба маблағи 25000 сомонӣ таҳвил намояд.*

*Дар ин маврид муомилоти бо меъёри 18% андозбандишаванда 1450 ((25000*5,8%)1100:18900*100=5,8%) сомонӣ ва ААИ-и он 261 сомонӣ ва муомилоти бо меъёри 5% андозбандишаванда 23550 сомонӣ (боқимондаи 25000-1450*5%) ва ААИ-и он 1177, ҷамъ 1438 сомонӣ ҳисоб карда шуда, бо назардошти 360 сомонӣ ААИ-и баҳисобгирифташуда, барои ба буҷет пардохт намудан **1078** (1438-360) сомонӣ ҳисоб карда мешавад.*

*г) **<u>Ҳолати дигар.</u>** Агар ҷамъият дар моҳи ҳисоботӣ фаъолият накунад ва танҳо нисфи биринҷи вориднамударо ба маблағи 1100 сомонӣ таҳвил намояд.*

*Дар ин маврид андоз аз арзиши иловашудаи ҳисобшаванда 198 сомонӣ (1100*18%). Бо назардошти 360 сомонӣ андоз аз арзиши иловашудаи баҳисобгирифташаванда, барои аз буҷет кам намудан **162,0** сомонӣ (360-198) ҳисоб карда мешавад.*

*д) **<u>Ҳолати дигар.</u>** Дар сурати дар моҳҳои минбаъда ҷамъият амалиёти воридотӣ надошта бошад ва аз ҳисоби фаъолият ба маблағи 20000 сомонӣ хӯрок истеҳсол намуда ба фурӯш барораду хароҷоти он дар ин моҳ 10000 сомониро ташкил дода аз ҷумла бақияи биринҷи воридшуда 1000 сомониро ташкил диҳад, бояд ҳиссаи бақияи молҳои воридшударо 1000 сомонӣ (2000-1000) ба инобат гирифта, андоз аз арзиши иловашударо ҳисоб намояд.*

*Яъне, дар ин маврид ҳиссаи молҳои бо меъёри 18% харидоришуда нисбат ба ҳаҷми умумии харид 10 (1000 : 10000*100) фоизро ташкил менамояд ва ААИ-и бо меъёри 18% ҳисобшаванда 360,0 сомонӣ (20000*10%=2000*18%) ва бо меъёри 5% ҳисобшаванда 900,0 сомонӣ (боқимонда 18000*5%), ҷамъ **1260,0** сомониро ташкил мекунад. Бо назардошти он, ки пештар ААИ-и воридоти дар моҳи қабли баҳисоб гирифта шудааст, маблағи андози ҳисобшуда пурра барои ба буҷет пардохт намудан ҳисобида мешавад.*

*<u>**Ҳолати дигар.**</u> Ҳангоми дар моҳи оянда надоштани амалиёти воридотӣ ва истеҳсоли хӯрокҳо бе молҳои воридшуда анҷом дода шавад, нисбати амалиёти мазкур танҳо меъёри пасткардашудаи 5% истифода карда мешавад.*

Яъне, дар ҳама ҳолат ин гуна андозсупорандагон, бояд ҳисоби бақияи молҳои воридотӣ ва сарфи онҳоро дар моҳи ҳисоботӣ дар алоҳидагӣ пеш баранд. Бо ин мақсад дар эъломияи ААИ шакли №03.01. қисми III (Ҳисоб намудани андоз аз арзиши иловашуда барои супорандаи меъёри пасткардашуда, ки воридоти мол дорад) пешбинӣ гардидааст ва дар ин қисм ҳиссаи моли воридотии хароҷотшуда дар ҳаҷми умумии хариди молҳо муайян мегардад. Бақияи молҳои воридотӣ бошад бо дарназардошти моли

воридотии хароҷотшуда дар моҳи ҳисоботӣ, давра ба давра нишон дода мешавад.

Андозсупорандагони мазкур уҳдадоранд, ки тибқи талаботи моддаи 49 Кодекси андоз баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро (муомилоти андозбандишаванда ва воридоти андозбандишавандаро) аз рӯи ин намудҳои фаъолият амалӣ намоянд.

Дар ҳолати андозсупоранда ҳам фаъолияти дар қисми 2 моддаи 181 Кодекси андоз қайдгардида ва ҳам ба дигар намуди фаъолият машғул будан, уҳдадор аст вобаста ба фаъолияти **савдо, таъминотию фурӯш, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти соҳаи хӯроки умумӣ, фаъолияти сохтмонӣ** меъёри пасткардашудаи ААИ-ро (5%) истифода намуда, доир ба дигар қисмати фаъолияташ меъёри стандартиро (18%) татбиқ намояд.

*Мисоли 13: ҶДММ "Бунёдкор", ки ба сохтмони биноҳо ва истеҳсоли болопӯши бетонӣ машғул аст, дар моҳи ҳисоботӣ ба маблағи 60000 сомонӣ масолеҳи гуногун, аз ҷумла семент ба маблағи 20000 сомонӣ (ААИ 18% - 3600), тахта 10000 сомонӣ (ААИ 18% – 1800), арматура 15000 сомонӣ (ААИ 5% - 750), хишт 10000 сомонӣ (ААИ18% – 1800) ва дигар масолеҳи сохтмонӣ аз бозор ба маблағи 5000 сомонӣ (бе ААИ) харидорӣ намудааст, ки семент ва тахтаро бевосита худаш аз хориҷ ворид намуда, ҳангоми барасмиётдарории гумрукӣ **5400** сомонӣ ААИ пардохт намудааст.*

*Дар ин маврид агар ҷамъият дар моҳи ҳисоботӣ қисми молҳои воридотӣ ва харидашударо 50 000 сомонӣ дар истеҳсолот сарф намуда ба маблағи 40000 сомонӣ корҳои сохтмонӣ ва 30000 сомонӣ болопӯши бетонӣ истеҳсол намуда ба фурӯш барорад ААИ бо ин роҳ ҳисоб карда мешавад:*

| | | |
|---|---|---|
| *а) Хароҷоти истеҳсоли болопӯш:*<br>*Семент – 10000 - ААИ 1800*<br>*Арматур – 10000 - ААИ 500*<br><br><br><br>*Ҷамъ: 20 000 – ААИ 2300* | | *б) Хароҷоти иҷрои корҳои сохтмонӣ:*<br>*Семент – 10000 - ААИ 1800*<br>*Арматур – 5000 - ААИ 250*<br>*Тахта – 5000 - ААИ 900*<br>*Хишт – 10000 - ААИ 1800*<br><br>*Ҷамъ: 30 000 – ААИ 4750* |

*а) Нисбати фаъолияти* ***истеҳсоли*** *болопӯши бетонӣ, танҳо меъёри стандартӣ яъне 18% татбиқ гардида, аз маблағи умумии таҳвил (30.000) 5400 сомонӣ (30000*18%) ААИ ҳисоб карда шуд.*

*б) Ҳиссаи молҳои воридотии хароҷотшуда дар ҳаҷми умумии хариди молҳо нисбати фаъолияти* ***иҷрои корҳои сохтмонӣ****, 50 фоизро ташкил додааст ((15000:30000)*100). Бинобар ин 50%-и амалиёти таҳвил бо меъёри 18% андозбандӣ гардида, боқимонда ҳиссаи таҳвил бо меъёри 5% ААИ ҳисоб карда мешавад. Яъне 3600 сомонӣ (40000*50%=20000*18%) бо меъёри 18 фоиза, боқимонда 20000 сомонӣ бо меъёри 5 фоиз 1000 сомонӣ ААИ, ҷамъ 4600 сомонӣ ААИ аз ҳисоби ин фаъолият ҳисоб карда мешавад.*

*Натиҷаи моҳи ҳисоботии ҶДММ "Бунёдкор" чунин мешавад:*

*- ҳамаи ААИ-и ҳангоми барасмиятдарории гумрукии молҳои воридотӣ пардохтшуда ба ҳисоб гирифта мешавад;*

*- дар қисмати фаъолияти "а" (истеҳсоли болопӯш) маблағи ААИ-и бо меъёрҳои 5% ва 18% пардохташуда барои ба ҳисоб гирифтан иҷозат дода мешавад;*

*- дар қисмати фаъолияти "б" (иҷрои корҳои сохтмонӣ) танҳо ААИ-и молҳои воридотӣ иҷозат дода мешавад.*

*Ҳамин тавр дар маҷмуъ ҶДММ “Бунёдкор” бояд дар ин моҳи ҳисоботӣ ААИ-ро ба маблаги 5400+4600-5900 (аз ҷумла, 5400 – ААИ-и воридотӣ, 500 – ААИ-и хариди дохилӣ барои фаъолияти “а”)=4100 сомонӣ ба буҷет пардохт намояд.*

Бо мақсади ба танзим даровардани ҳолатҳои гузариш аз истифодабарандаи меъёри 18% ААИ ба меъёри 5% бо назардошти талаботи қ.2м.181 Кодекси андоз, андозсупорандагони дар банди мазкур дарҷгардида бояд то санаи 15.01.2013 эъломияи иловагӣ бо меъёри 18% (меъёри стандартӣ) пешниҳод намуда, маблағи ААИ-и барои бақияи мол пардохташударо ба истиснои молҳои воридотӣ бекор намоянд. Таҳвили минбаъдаи молҳои воридотӣ бо меъёри 18% андозбандӣ мешаванд.

Барои мақсадҳои андозбандӣ бо меъёри пасткардашуда (5%) таҳти мафҳуми ***корхонаҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти соҳаи хӯроки умумӣ,*** **тарабхонаҳо**, **ошхонаҳо, қаҳвахонаҳо ва ғайра** дохил мешаванд.

Инчунин, андозбандии таҳвили минбаъдаи **молҳои воридотии аз ААИ озод** бо ду меъёр - меъёри стандартӣ ва пасткардашуда - ба роҳ монда мешаванд:

а) корхонаҳои истеҳсол ва (ё) фурӯши маҳсулоти соҳаи хӯроки умумӣ, корхонаҳои савдои яклухт ва чакана, маҳсулоттайёркунӣ, таъминотию фурӯш, корхонаҳои сохтмонӣ, ки меъёри 5%-ро истифода мебаранд, таҳвили минбаъдаи молҳои вориднамудаи аз ААИ озодро бо меъёри 5% таҳвил менамоянд;

б) дигар корхонаҳое, ки меъёри 18%-ро истифода мебаранд, таҳвили минбаъдаи молҳои вориднамудаи аз ААИ озодро бо меъёри 18% таҳвил менамояд.

Воридкунандагони маҳсулоти доруворӣ (мавқеи молии 3003, 3004), ки тибқи Қонуни ҶТ дар бораи Буҷети давлатии ҶТ барои соли 2012 воридоти ин намуди дорувориро бо меъёри 5% баҳисоб гирифтаанд, аз 01.01.2013 ҳангоми таҳвили минбаъдаи бақияи ин молҳо аз маблағи умумӣ бо меъёри 5% бо ААИ андозбандӣ мегарданд.

9. Ба Кодекси нав моддаи алоҳида (моддаи 16) илова карда шудааст, ки мафҳуми лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ шарҳ дода шудааст. Тибқи он лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – лоиҳаҳое дониста мешаванд, ки дар заминаи созишномаҳои қарзӣ (грантӣ) оид ба маблағгузории (татбиқи) онҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва давлатҳои хориҷӣ (ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ), ташкилотҳои ватанӣ, хориҷӣ ва байналмилалии молиявӣ амалишавандае, ки дар доираи Барномаи сармоягузории давлатӣ, грантҳо ва сохтмони асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшаванда татбиқ карда мешаванд. Яъне, он лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки номи онҳо дар номгӯи лоиҳаҳои сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мегарданд ҳуқуқ пайдо мекунанд, ки аз имтиёзи ААИ-и дар моддаи 192 Кодекси андоз пешбинигардида истифода намоянд.

10. Дар ҳолати аз тарафи андозсупорандагон то санаи 31 декабри соли 2012 риоя нагардидани талаботи зербанди а) банди 1 Фармони Раиси Кумитаи андоз аз 04.02.2011 таҳти №40, ки бояд дар ҳолати ба миён омадани

ухдорӣ ба сифати супорандаи ААИ бақайд гирифта мешуданд, барои фаъолияти бе қайд ба амал баровардаашон чораҳои иловагӣ андешида (ААИ ҳисоб карда мешавад) андозсупорандагони мазкур ҳамчун супорандаи ААИ ба қайд гирифта мешаванд.

Нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо мақсади бақайдгирӣ ва бекор намудани бақайдгирӣ ба сифати супорандагони андоз аз арзиши иловашуда вазифадоранд ҳуҷҷатҳои дар зербандҳои а) ва б)-и банди 2 Фармони Раиси Кумитаи андоз аз 04.02.2011 таҳти №40, пешбинишударо ҷамъоварӣ намуда, на дертар аз санаи 10.01.2013 ба маҳали қайди андозсупоранда ҳамчун супорандаи ААИ муроҷиат намоянд.

Бо мақсади халалдор нагардонидани фаъолияти андозсупорандагон дар мавриди бекоркунии қайд ба сифати супорандаи ААИ, мақоми дахлдори андоз метавонад дар ҳолатҳои зарурӣ ба истисноӣ гузаронидани санҷиши мавзӯӣ, ин амалро ба анҷом расонад. Ҳамзамон ҳангоми корҳои назоратии минбаъда ҳолати бекоркунии қайди андозсупоранда ба сифати супорандаи ААИ таҳти санҷиш қарор дода шавад.

Мақомоти ҳудуди андоз вазифадор карда мешаванд, ки рӯйхати ин гуна андозсупорандагонро бо назардошти маблағҳои татбиқшудаи муҷозот ва маблағҳои ААИ ҳисобшуда таҳия намуда, то санаи 15.01.2013 маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

11. Сардорони мақомоти ҳудудии андоз уҳдадоранд, ки тамоми кормандонро бо мактуби мазкур шинос намуда, доир ба он семинари омӯзишӣ барпо сохта, протокол тартиб дода, нусхаи онро ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

**Раис** **Н.Давлатов**